Ба Шурои диссертатсионии **6D.KOA-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,
rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сирочидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

Комплекси агросаноатӣ яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди давлат буда, дар маркази он соҳаи кишоварзӣ мавқеи хосро дорост, ки дар он истеҳсоли маводи истеъмолӣ барои аҳолӣ ва ашёи хом барои коркарди саноат мебошад.

Аз ин нуқтаи назар истеҳсоли маҳсулоти комплекси агросаноатии кишвар ҳамчун нишондиҳандаи стратегӣ аҳаммияти хосро дорост, чунки он таъмин намудани амният ва худтаъминкунии озуқавории ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Ҳолати кунунии соҳаи кишоварзӣ, хусусан чорвои калони шохдори самти ширдеҳ дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи он ба истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширии аз ҷиҳати экологӣ тоза барои таъмини бозор ба онҳо таваҷҷуҳи хоссаро барои ҳалли қазияҳои ҷойдоштаи давлат тақозо мекунад.

Зеркомплекси чорвои ширдеҳ яке аз нишондиҳандаи дараҷаи рушди иқтисодиёти соҳаи чорводорӣ буда, баланд бардоштани сифати зиндагии мардум, таъмини амнияти озуқавории кишвар ва вазъияти умумии онро инъикос мекунад.

Дар диссертатсия таҳқиқи гузаронидани адабиёти илмӣ-назариявӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ назари муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ хело васеъ арзёби гаштааст, аз сабаби маҳдуд будани ҳаҷми автореферат онро ба тарзи зерин арзёби намудааст.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар кори таҳқиқотиаш асосҳои назариявии муаллифони хориҷӣ ва ватаниро оиди мафҳуми самара ва самаранокӣ хело васеъ арзёбӣ намуда, нуқтаи назари муаллифии худро оид ба он пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти илмиро дорост.

Диссертант дар натиҷаи таҳқиқотҳои амалигашта омилҳои таъсиррасонро ба як шакл ва ҳамчун низом вобаста аз маҳсулнокии чорво ва самаранокии он пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили маводҳои ба мавзуъ бахшидашуда маълум намудааст, ки бозори маҳсулоти ширӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дучор гардидааст, ин раванд аз меҳвари як давлат берун гаштааст, дар асоси он истифодаи таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷиро

оиди амали гаштани микрокластери зеркомплекси маҳсулоти ширӣ тавсия намудааст.

Дар автореферат ҳолати кунунии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар умум ва дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз нуқтаи назари миқдорӣ ва сифатӣ дар мисоли хоҷагиҳои мушаххаси он таҳлил ва натиҷагирӣ шудааст, ки сифати кори мазкурро баланд менамояд.

Унвонҷӯй исбот намудааст, ки кластери маҳсулоти ширӣ гуногунсамт ва бисёрсатҳа мебошад, дар сохтори худ ташкилотҳои иттилоотию таҳлилӣ ва машваратӣ нақши муҳимро мебозад ва бо тамоми субъектҳои кластер робитаи ҳаматарафа доранд ҳамчун модел, таркиб ва сохтори онро пешниҳод намудааст.

Умуман, муаллифи диссертатсия ҳадафҳо ва вазифаҳои дар кори диссертатсионӣ гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кардааст.

Новобаста ба дастоварду пешниҳодоти дақиқи илмӣ дар автореферати диссертатсия чунин камбудӣ низ ба назар мерасад:

-унвонҷӯ ҳангоми таҳлил вазъи муосири соҳаи чорводории самти ширдеҳи водии Ҳисорро мавриди таҳлил қарор додааст, вале ноҳияҳо ва хоҷагиҳои водии Рашт аз мадди назари муаллиф дур мондаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки эроди таъкидшуда арзиши мусбӣ ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунад ва хусусияти тавсиявӣ дорад.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Такризнавис:
Мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, и/в профессор Искандарзода Ҳ.Ҳ.

Имзои **Искандарзода Ҳ.Ҳ.**-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Телефон: (+992) 977832083, E-mail: hofiz.iskandarov@mail.ru

03.02.2026